Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

15 октябри соли 2003. Чоршанбе № 79 (12922)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 19.00 имзо гардид.

# Ўзбекистон—Гурҷистон: зинаи нави ҳамкорӣ

## Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 9-10 октябр бо сафари давлатӣ дар Гурҷистон буд.

Сарвари мамлакатамон пеш аз сафар дар интервюаш бо журналистон ба мақсадҳои ин сафар истода гузашта, қайд намуд, ки дар рафти вай таҳлил намудани муносибатҳои мутақобилаи байни ду давлат, баррасии истиқболҳои тараққиёт ва масъалаҳои ба зинаи нав бардоштани ҳамкории савдою иқтисодӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин бобат ҳамфикрии пурра бо Гурҷистон баъди ба майдони ҳавоии Тбилисӣ фуруд омадани самолёти Президенти мамлакатамон намоён шуд. Гурҷистон ба ташриф тайёрии калон дидааст— майдони ҳавоӣ ва кӯчаҳои шаҳр бо байрақҳои давлатии ду мамлакат оро дода шудааст, дар дарвозаи ҳавоии Тбилисӣ бошад, сурати Ислом Каримов ва навиштаҷоти «Xush kelibsiz, muhtaram Prezident!» (Хуш омадед, мӯҳтарам Президент) нигоҳи ҳамаро ба худ ҷалб менамуд.

Ҳангоми гуфтушунидҳои президентҳо дар қароргоҳи ҳукуматии Крсанис фарогирии мавзӯъҳои ба забонгирифта васеъ буд. Оид ба масъалаҳои муҳими ба муносибатҳои дуҷониба алоқаманд, оид ба як қатор муаммоҳои байналхалқӣ, инчунин дар бораи ривоҷи ҳамкории дуҷонибаю бисёрҷонибаи таҳкими амният дар сатҳи ҷаҳонию минтақавӣ мубодилаи афкори муфассал ба амал омад.

Рӯзи дуввуми сафар дар таркиби васеъ гуфтушунидҳо ба амал омаданд. Дар вай масъалаҳое, ки ҳангоми мулоқоти президентҳо бардошта шуданд, дар миқёси боз ҳам васеъ баррасӣ шуданд.

Дар анҷумани матбуотӣ қайд шуд, ки аз дараҷаи имрӯзаи ҳамкории сиёсӣ ва алоқаҳои бевосита дар зинаҳои мухталиф қаноатмандӣ ҳосил карданд.

Роҳбари Гурҷистон қайд намуд, ки нигоҳи ду мамлакат ба якдигар рост меояд, барои ин умумият доштани манфиатҳо асос мебошад. Вай таъкид намуд, ки мулоқот бо Ислом Каримов самарабахш гузашт ва ташрифи мазкур аҳамияти торихӣ дорад. Мо на танҳо корҳои дар доираи ҳамкорӣ ба амал баровардашударо, балки бори дигар дида баромадем, ки барои боз ҳам ривоҷ додани робитаи дутарафа чӣ хел воситаву захираҳо вуҷуд доранд ва дар бораи дар ин бобат ба кор андохтани тамоми имкониятҳои мавҷуда аҳду паймон намудем, гуфт Э.Шеварднадзе.

Ислом Каримов барои музокирот, ки дар рӯҳи эътимоду эҳтироми якдигар, дӯстии анъанавӣ гузашт, ба ҷониби Гурҷистон миннатдорӣ изҳор намуд. Зеро ки ин ташриф барои аз рӯи муносибатҳои дуҷониба ва муаммоҳои муҳим мубодилаи афкор намудан имконият фароҳам овард.

Ба мақсади таҳкими сулҳ, устуворӣ ва амният роҳбарони ду мамлакат дар бораи ривоҷи ҳамкорӣ дар доираи СММ, ИДМ, ТАҲА ва дигар ташкилоту сохторҳои байналхалқӣ аҳду паймон намуданд. Оид ба масъалаҳои бар зидди таҳдиди ҷиноятkории муташаккил, кочоқи анвои нашъа ва силоҳ, терроризм ва экстремизм барин иллатҳо якҷоя мубориза бурдан ҳам фикри ҷонибҳо мушобеҳанд. Устувории Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба дараҷаи муайян ба вазъият дар Афғонистон ва Қафқози Ҷанубӣ вобаста аст. Ҷонибҳо дар ин самт ба ҳамкорӣ тайёр буданашонро маълум намуда, саъю кӯшиши дар лоиҳаҳои барқарорсозии Афғонистон якҷоя иштирок карданашонро баён намуданд.

Президентҳо таъкид карданд, ки аҳволи имрӯзаи муносибатҳои савдою иқтисодӣ дар дараҷаи иқтидору имкониятҳои ду мамлакат намебошанд. Сабаби асосии ин дар муаммоҳои обектививу субективии соҳаи коммуникатсия мебошад. Ислом Каримов ва Эдуард Шеварднадзе зарурати баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории дуҷонибаро қайд карданд. Ин комиссия дар соҳаи мазкур мақомоти асосии мутобиқсозӣ ба ҳисоб меравад. Васеъ гардондани миқёси ҳамкории савдою иқтисодӣ бошад, дар ривоҷи устувор ва дарозмӯҳлати тамоми соҳаҳои муносибатҳои Ўзбекистону Гурҷистон аҳамияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ президентҳо ба зиммаи ҳукумат вазифаи фаъолтар гардондани кори комиссияи мазкур, андешидани чораҳои амалиро оид ба иҷрои аҳду паймоне, ки дар кори рағбатноксозии алоқаҳои савдою иқтисодӣ ба даст омаданд, гузоштанд.

Ислом Каримов дар анҷумани матбуоти дар бораи боз як натиҷаи амалии ташриф, ки бевосита ба соҳаи иқтисодӣ тааллуқ дорад, эълон намуд. Вай бо қаноатмандӣ таъкид намуд, ки ҷониби Гурҷистон оид ба истифодаи бандаргоҳи Потӣ низоми нави имтиёзҳоро таклиф мекунад ва Ўзбекистон ин таклифро мепазирад. Ин барои Потӣ имконият фароҳам меорад, ки бо бандаргоҳҳои Прибалтика ва баҳри Араб рақобат кунад ва баробари ин барои Ўзбекистон қулаии нав мегардад.

Ўзбекистон ва Гурҷистон яке аз иштирокдорони фаъоли лоиҳаи ТРАСЕКА мебошанд, ки ба бунёд ва ривоҷи Роҳи бузурги абрешими замонавӣ нигаронда шудааст. Рӯз аз рӯз дар ҷаҳон шавқу завқ ба ин шабакаи нақлиётӣ, ки Аврупоро бо Осиё тавассути Қавқоз мепайвандад, меафзояд. Чӣ хеле, ки Э.Шеварднадзе таъкид мекунад, Роҳи бузурги абрешими нав кайҳо амал мекунад. Корвони якуми автомобилҳои боркаши аз Брюссел ба Афғонистон расида исботи ин мебошад. Вазифаи дар назди иштирокдорони ТРАСЕКА истода бошад, аз ривоҷи инфрасохтор ва таҳкими амният дар ин роҳ иборат аст. Хуб маълум аст, ки ин лоиҳаро Иттиҳоди Аврупо ҷонибдорӣ мекунад, ба вай дар Конгресси ИМА эътибори алоҳида медиҳанд.

Аз ин рӯ президентҳо масъалаи коммуникатсияи нақлиётиро, ки звенои муҳими муносибатҳои иқтисодии Ўзбекистону Гурҷистонро ташкил медиҳад, чуқур таҳлил намуданд. Инчунин дар бобати хариду фурӯш бо маҳсулоти анъанавӣ маҳдуд нашуда, имкониятҳои савдои молҳои навро баррасӣ намуданд. Аз нуқтаи назари Гурҷистон, аз Ўзбекистон на танҳо пахта ё ки бори транзитӣ, балки ғалларо ҳам содир намудан мумкин. Аз Гурҷистон имконияти маҳсулоти боғпарварӣ, меваҳои ситрусӣ, чой овардан ҳаст. Чи хеле ки таъкид шуд, ин масъалаҳоро бояд Комиссияи байниҳукуматӣ ҳал намояд.

Ташрифи Президентамон ба Гурҷистон асоси ҳуқуқии робитаи дутарафаро боз ҳам мустаҳкам намуд. Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Президенти Гурҷистон Эдуард Шеварднадзе дар бораи боз ҳам ривоҷ додани ҳамкории дуҷониба ба Изҳороти муштарак имзо гузоштанд. Инчунин байни Ҷумҳуриятҳои Ўзбекистон ва Гурҷистон Конвенсияи консулгарӣ, байни ҳукуматҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Гурҷистон дар бораи ҳамкорӣ бар зидди муомилоти ғайриқонунии моддаҳои мухаддара, ашёҳои психотроп ва прекурсорҳо (таркиби моддаҳои нашъаовар), дар бораи шартҳои рафту омади шаҳрвандон, дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мубодила ва паҳн намудани нашрҳои даврӣ ва маҳсулоти китоб созишномаҳо ба имзо расиданд.

Ҳамаи ин аз самарабахш будани сафари Ислом Каримов ба Тбилисӣ далолат медиҳад. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар сари ин саъю кӯшишҳо оиди ба дараҷаи нав бардоштани ҳамкорӣ президентҳои ду кишвар меистанд. Ҳамкорӣ, саъю кӯшишҳои онҳо дар роҳи мақсадҳои муштарак дар ривоҷи муносибатҳои байни мамлакатҳоямон аҳамияти муҳим дорад. Исботи равшани вай ин мебошад, ки дар рафти сафар Ислом Каримов барои ба ривоҷи муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳои Ўзбекистон ва Гурҷистон ҳиссаи калон гузоштанаш бо мукофоти олии мамлакат, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ дода мешавад — ордени «Охрус верди» мукофотонида шуд. Барои ба ривоҷи муносибатҳои дӯстонаи байни Гурҷистон ва Ўзбекистон ҳиссаи бузург гузоштанаш ба Президенти Гурҷистон Эдуард Шеварднадзе ордени «Буюк хизматлари учун»-и давлатамон супурда шуд.

Ҳамин тариқ, сафари давлатии Президенти Ўзбекистон ба Гурҷистон бо натиҷаҳои бузурги амалӣ анҷом ёфт. Бешубҳа, ин сафар дар ривоҷи муносибатҳои дуҷониба саҳифаи нав мекушояд.

**Анвар БОБОЕВ,**
**мухбири махсуси ЎзА.**
ТОШКАНД—ТБИЛИСӢ—ТОШКАНД.



### Ташвишҳои мавсимӣ

*Имрӯзҳо дар заводи саҳҳомии пахтаи Ҷаркӯрғон корҳо ниҳоят бо ҷӯшу хурӯш суръат гирифтаанд. Агарчи ҷомеъаи мазкур ба ин мавсим пешакӣ омода буд, боз ҳам ба мақсади бомуваффақият ҷамъбаст намудани корҳо азму ҷадал менамоянд.*

*Корхонаи мазкури саноатӣ дорои иқтидори аз нав кор кардани чил ҳазор тонна пахта мебошад. Ду пункти қабули пахта, ки ба ин корхона тобеъ аст, низ ба мавсими имрӯза ҳамаҷониба тайёр будани худро нишон медиҳанд.*

***Дар сурат:** сармуҳандис **Э.Холмуродов** бо коргарони моҳири завод **Эргаш Умаров** ва **Хуррам Мамадалимов** ҳангоми машварати навбатӣ.*

**Суратгир: И.ХӮҶАЕВ. (ЎзА).**

# Хабарҳо аз Навоӣ

## Маҷмӯи савдо

Фаъолони чаҳор маҳаллаи ноҳияи Роҳи оҳани шаҳри Навоӣ ташаббус зоҳир намуда, маҷмӯи нави савдо бунёд намуданд. Дар қадафрохтани ин маҷмӯа хусусан кӯмаки моддиву молиявии соҳибкори маҳалла Фурқат Тӯраев назаррас аст. Ин муассисаи хизматрасонӣ аз чойхона, сартарошхона ва дигар дӯконҳо (56 нуқта)-и савдо иборат аст.

Ҳамчун замима ба ин маҷмӯи савдо нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрии телефонӣ ва сехи хизматрасонии техникӣ ба кор сар мекунад.

## Анҷумани кормандони бонк

Барои дар амал тадбиқ намудани ислоҳотҳои соҳаи бонк бо ташаббуси бонки марказӣ дар шаҳри Навоӣ бо иштироки коркунони ин соҳа анҷуман баргузор гардид. Дар он таъкид гардид, ки барои тараққӣ намудани ҷабҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, ки ба кори бонкҳо алоқаи зич доранд, такя намудан ба таҷрибаи хориҷа ва суръат бахшидан ба секторӣ хусусигардонӣ мувофиқи мақсад аст.

Зикр гардид, ки дар шаҳру навоҳии вилоят баргузор намудани ингуна анҷуманҳо аз фоида холӣ нахоҳад буд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

## Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба таъмини ҳифзи ҳосили пахтаи соли 2003

**Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, бинобар аз ҷониби фермерҳо, пудратчиён ва чинакчиён ба пунктҳои қабул сари вақт супурда нашудани пахтаи ҷамъоварда, дар ҷойҳои номувофиқ нигоҳдорӣ шудани он қисмати зиёди ҳосил талаф меёбад.**

**Воқеаҳои дуздӣ ва ба ғорат бурдани пахта низ ба самараи меҳнат ва ҳосили пахта таъсири ҷиддии манфӣ мерасонанд. Дуздони пахта мехоҳанд онро бо роҳҳои ғайриқонунӣ аз ҳудуди ҷумҳурӣ берун бароваранд. Яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани ин қонуншиканиҳо, фактҳои дар хонаҳои шахсӣ ва ҳавлиҳо руст карда мондани ҳосили пахта мебошад, ки бо мақсади минбаъд аз ҳудуди ҷумҳурӣ баровардан ва фурӯхтани он содир карда мешавад.**

**Танҳо аз хонаи шахсии яке аз сокинони ноҳияи Сирдарё 2,2 тонна пахта, ки руст карда шуда буд, ба даст афтод. Чунин фактҳои дуздӣ ва ғорати пахта дар ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах, ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар мерасанд. Ҳолати ба вуҷудомада натиҷаи суст шудани корҳои назорат, аз мушкилоти ҳифзи ҳосил канорагирӣ кардани роҳбарони хоҷагиҳо, талаботи сусти ҳокимҳои вилоят ва ноҳияҳо нисбати ҷамъоварии ҳосили пахта мебошад. Бо мақсади таъмин намудани ҳифзи пахта ҳангоми ҷамъоварӣ, кашондан ва нигоҳдорӣ кардани он ва афзудани ҳисси ҷавобгарии роҳбарони хоҷагиҳои пахтапарварӣ Девони Вазирон <u>қарор мекунад</u>:**

1. Қаноатбахш набудани тадбирҳои андешидашуда нисбати дуздӣ, ғорат ва бо роҳҳои ғайриқонунӣ аз ҳудуди ҷумҳурият бароварда шудани он ба ҳокимони вилоятҳои Ҷиззах (У. Ямонқулов), Намангон (Т.Ҷабборов), Сирдарё (Р.Ҳайдаров), Тошканд (У.Мирзоқулов) ва Фарғона (А.Отабоев), ҳокимони ноҳияҳои бо давлатҳои ҳамсоя ҳамҳудуд нишон дода шавад;

Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва ноҳияҳо, роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ бинобар мавҷуд набудани назорати зарурӣ нисбати талаф ёфтани ҳосили пахта ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлоқ огоҳ карда шаванд.

Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва ноҳияҳо аз хусуси масъулияти шахсиашон нисбати вазъияти кор оид ба сари вақт пешгирӣ намудани ҳодисаҳои дуздӣ, ғорат ва бар хилофи қонун аз ҳудуди ҷумҳурият берун баровардани пахта огоҳонида шаванд.

2. Барои ба пунктҳои қабул сари вақт супурдани пахтаи ҳаррӯза тартиби қатъӣ ҷорӣ карда шавад.

Ба роҳбарони хоҷагиҳои пахтапарварӣ ва пунктҳои қабул супурда шавад, ки барои бемамониат ва беталаф супурдани пахта ва ҳифзи боварибахши онҳо чораҳо андешанд. Дар ҷойҳои барои ин мақсад номувофиқ ва ба қоидаҳои бехатарии сӯхтор ҷавобгӯ набуда, аз он ҷумла дар хонаҳо ва ҳавлиҳо нигоҳ доштани пахтаи ҷамъовардашуда манъ карда шавад.

Барои сари вақт ба пунктҳои қабул супурда нашудани пахта, нигоҳ доштани пахта дар ҷойҳое, ки ба ин мақсадҳо мувофиқ нестанд ва ба қонунҳои зидди сӯхтор ҷавобгӯ намебошанд, аз он ҷумла барои дар хонаҳо ва ҳавлиҳо нигоҳ дошта шуданиони онҳо ба шаҳрвандон ба андозаи 5 ва ба шахсони мансабдор ба андозаи 7 каратаи музди камтарини меҳнат ҷарима андохта шавад. Ҳангоми такрор шудани ин амал ба шаҳрвандон дар ҳаҷми 7 ва ба шахсони мансабдор дар ҳаҷми 10 каратаи музди камтарини меҳнат ҷарима андохта мешавад. Ҷарима аз ҷониби мақомоти корҳои дохилии маҳалҳое, ки дар онҳо чунин фактҳо содир шудаанд, мувофиқи ҷавобгарии маъмурӣ рӯёнда мешавад. Дар мавридҳои ошкор гардидани фактҳои дуздӣ ва ғорати пахта, амалҳои бар хилофи қонун аз ҳудуди ҷумҳурият берун баровардани он шахсони гунаҳкор бинобар қонунгузории ҷорӣ ба ҷавобгарӣ, ҳатто ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд.

3. Ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурияти Ўзбекистон (З.Алматов) супурда шавад, ки бинобар таъмини ҳифзи ҳосили ҷамъовардашудаи пахта чораҳо андешад, корҳои фаҳмондадиҳиро бинобар қонунгузории дар амалбуда фаъол намояд, нисбати содиркунандагони ҷиноят тадбирҳои қатъӣ андешад.

4. Ба Додситони генералии Ҷумҳурияти Ўзбекистон (Р.Қодиров) супурда шавад, ки назоратро нисбати иҷрои қонунгузорие, ки ба таъмини ҳифзи пахта нигаронида шудааст, пурзӯр намояд.

5. Ба Шӯрои Девони Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо супурда шавад, ки якҷоя бо мақомоти ҳуқуқу тартибот бо ба ин кор ҷалб намудани мақомоти худидораи шаҳрвандон, созмонҳои ҷамъиятӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ корҳои фаъоли огоҳӣ ва пешгириро дар мубориза бо дуздии пахта, аз он ҷумла бо роҳи равшан кардани таҷрибаи мақомоти ҳуқуқ дар ҷабҳаи мазкур ба амал ҷорӣ намоянд.

Ба ширкати телевизион ва радиои Ўзбекистон (А.Кӯчимов), Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон (М.Ҳазратқулов), расонаҳои ахбори оммавӣ супурда шавад, ки корҳои дар ин самт амалӣ шудаистодаро мунтазам равшан намоянд.

6. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон (А.Полвонзода) супурда шавад, ки бо ҳамроҳии вазоратҳо ва идораҳои дахлдор дар бобати даровардани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тайёр намояд.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мушовирони давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.Ҷӯрабеков ва Т.Худойбергенов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон**
**И.КАРИМОВ.**

ш.Тошканд,
13 октябри соли 2003.

# «Боинг»-и шашуми «Ўзбекистон ҳаво йўллари»

***<u>ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Холмурод САЛИМОВ хабар медиҳад). Ширкати миллии авиатсионии «Ўзбекистон ҳаво йўллари» боз як самолёти ҳозиразамонро харид кард. «Боинг-767»-ро, ки аз шаҳри Сиэтлли Амрико парвоз намуд, дар аэропорти байналхалқии Тошканд намояндагони роҳбарияти ширкати авиатсионӣ, ҷамоа ва расонаҳои ахбори оммавӣ истиқбол намуданд.</u>***

Дар чорабиние, ки ба ин муносибат ба амал омад, ба сухан баромадагон аз хусуси дастовардҳои ширкати миллии авиатсионӣ дар солҳои истиқлолият ҳарф заданд. Таъкид гардид, ки алоқаҳои байналхалқӣ рӯз аз рӯз инкишоф меёбанд.

—Мо аз он чиз хеле хурсанд ҳастем, ки фурудгоҳи мо боз бо як самолёти ҳозиразамон пур гардид,—гуфт директори генералии ширкати миллии авиатсионӣ Валерий Тян.—Ҳар боре, ки самолёти навро харид мекунем, эҳсоси ғурури зиёд моро фаро мегирад. Лётчикҳои Ўзбекистон дар байни кишварҳои ИДМ аз аввалинҳо шуда бо самолётҳои ҳозиразамон парвоз менамоянд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ба бозори авиатсия бештар дохил гардем, самтҳои навро кушоем, маданияти хизматро нисбати мусофирон баланд бардорем.

—Афзудани шумораи самолётҳои ширкати авиатсионӣ ба пешрафти кишвар нақши бузург дорад,—гуфт ноиби президенти ширкати «Боинг-самолётҳои мусофиркаш» ҷаноби Крэг Ҷонс.—Дастгирии ҳукумати кишвари шумо ва шахсан Президент Ислом Каримов барои мустаҳкам намудани алоқаҳои байни ширкатҳои мо имкониятҳои васеъ кушод. Мо аз баҳам дидани муваффақиятҳоямон бо шариkони эътимодбахши худ дар Ўзбекистон хеле хушнуд ҳастем.

Ҳамкории ширкати миллии авиатсионии «Ўзбекистон ҳаво йўллари» бо ширкати дар тамоми олам машҳури «Боинг» аз соли 1996 оғоз ёфт. Ҳамон сол «Боинг»-и аввалин харид шуда буд. Сипас ҳамкориҳо мустаҳкамтар шуданд.

Ҷамъияти байналхалқии авиатсионӣ ширкати миллии авиатсионии «Ўзбекистон ҳаво йўллари»-ро ба сифати шарики боэътимоде, ки кори худро мустақимона инкишоф медиҳад, ба талаботи ҳозиразамони мусофиркашонӣ пурра ҷавоб медиҳад, хуб мешиносад.

Дар тадбир муовини якуми Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Козим Тӯлаганов иштирок намуд.



# Дар ҷавоби ғамхорӣ

«Тиллои сафед»-и Ўзбекистон дар ҷаҳон маълуму машҳур аст. Махсусан, баъди мустақил шудани ҷумҳуриамон шаҳрвандонамон ҳис карданд, ки пахтаро беҳуда «тиллои сафед» намегуфтаанд. Дуруст, ҳоло дар тамоми пайкалҳои пахтазори давраи салтанати шӯроҳо чигит намекоранд. Мо бисёр пайкалҳоро ба ғаллакорӣ ва дигар зироатҳои кишоварзӣ табдил додем. Яъне қариб ки ҷумҳуриамонро аз ҳосили ғаллаи худӣ таъмин мекардагӣ шудем...

Инак, пахтазори саросари кишварамон нисбат ба порсола дертар шукуфта бошад ҳам, дар айни замон авҷи ғунучини пахта давом дорад. Аз ҷумла, дар вилояти Тошканд низ ширкатҳои пахтакорӣ ба ғунучини (пахтае, ки деҳқонон бо араки ҷабин рӯёда буданд) «тиллои сафед» оғоз намуданд. Ба онҳо хашарчиёни шаҳру деҳот кӯмак мерасонанд. Шиор якто: «тиллои сафед»-ро дар муддати кӯтоҳ ва беталафу босифат чидан аст. Вагарна, обу ҳаво номусоид шавад, сифати пахта паст мешавад. Ғунучин тӯл мекашад. Ширкати «Қаросув»-и ноҳияи Чирчиқи Миёна бо шиори «Ҳосили пахтаро тезу тоза мечинем!» даст ба кор заданд. Ширкати зикршуда 930 гектар пахта дорад. Ҳосилнокиро ба 28 сентнерӣ расонданианд. Сарпудратчӣ Ҳамид Митинов дар ҳаққи чинакчиён ғамхорӣ мекунад. Дар ҳар панҷ рӯз ҳаққи меҳнаткашонро медиҳанд. Аз ин рӯ, ба ҳисоби миёна ҳар чинакчӣ дар як рӯз 100-150 килограммӣ пахтаи навъи олӣ меғундорад.



***Дар сурат:** 1. Чинакчиёни пешқадам **З.Остонақулова** ва **С.Алимқулова**. 2. Сарпудратчӣ **Ҳ.Митинов** ба чинакчиён музди меҳнати панҷрӯзаашонро медиҳад.*

**Суратгир: Р.АНОРБЕКОВ.**

